# БУЗАКИ ЧИНГИЛАПО

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2019

**ББК 84. Тоҷик 7-4**
**А-90**

**А-90. Бузаки ҷингилапо.** Душанбе, Маориф, 2019, 16 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-315-8** **©Маориф, 2019**

Буд, набуд, як замоне дар як маконе бузаке буд. Номаш Ҷингилапо. Барои он номаш Ҷингилапо буд, ки мӯйҳои чор пояш ҷингила буданд. Ҷингилапо ҳафт бача дошт: Алӯлак, Булӯлак, Хиштаки Сари Танӯрак, Тоқчапарак, Мехчапарак, Болошинак, Таҳшинак. Ҷингилапо ҳар пагоҳ ба дашту саҳро рафта, дар шохакаш алаф, дар даҳонакаш об, дар пистонакаш шир меоварду дари хонаашро тақ-тақ зада мегуфт:



– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болонишинакам, дарро кушоед! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам. Таҳшинак, ки зери дар пойида менишаст, занҷири дарро мекушод. Алӯлаку Булӯлак аз миёни хона тозон меомаданд. Хиштаки Сари Танӯрак аз болои танӯр мефуромад, Тоқчапарак аз тоқчаи хона мефуромад. Болошинак аз тобадон ҷаҳида мефуромаду бузичаҳо гирди очаашонро гирифта, обу алафу шир мехӯрданд.

Рӯзе Саге аз пеши хонаи Бузаки Ҷингилапо мегузашт, ки овози Бузакро шунид. Бузак дари хонаашро тақ-тақ зада мегуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам дарро кушоед! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам. Бузичаҳо дарро кушоданд. Бузак ба хонааш даромад. Саг рӯзи дигар омада, пойида истоду ҳамин, ки Бузак баромада рафт, омада, дари хонаро тақ-тақ зада гуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам, дарро кушоед! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам.

Таҳшинак гӯш кард, ки ин садо ба овози очааш монанд нест.

– Ту очаи мо нестӣ, – гуфт вай, – очаи мо ҳоло рафту зуд намеояд. Бирав, беҳуда овора нашав!

Саг ноумед шуда рафт.

Дар ҳамон замону дар ҳамон макон як Гургу як Шағол ҳам буданд. Гургу Шағол ҳам фаҳмиданд, ки Бузак ҳафто бузғолачаи хушрӯяку фарбеҳак дорад.

Рӯзе Шағол омада, дари Бузакро тақ-тақ зад. Бузғолаҳо овози Шағолро шунида фаҳмиданд, ки ин овози очаашон нест, дарро накушоданд.

Рӯзи дигар Гург омад. Гург дарро кӯфта гуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам, дарро кушоед! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам.

– Ту очаи мо нестӣ, – гуфт Таҳшинак, – овози ту дигар аст.

– Бирав, беҳуда овора нашав, дарро намекушоем!

– Ба-ба-ба! Ман очаатон мешавам, дарро кушоед! – гуфт Гург ин дафъа овозашро мисли овози Бузак карда.

– Агар ту очаи мо бошӣ, поятро нишон бидеҳ! – ба назди дар омад Алӯлак.

Гург пояшро аз таги дар дароз карда нишон дод.

– Ту очаи мо нестӣ, очаи мо ҷингилапойи сияҳмӯй аст, пойи ту зарди безеб. Рав аз ин ҷо, дарро намекушоем! – гуфтанд Алӯлаку Булӯлак.

– Эй бачаҳои қобилакам, – гуфт Гург, – дар роҳ ба лой ғӯтидам, поям лойолуд шуд, зуд дарро кушоед, ки алаф дар шохам хушк мешавад, об аз даҳонам, шир аз пистонакам мерезад.

– Бирав, пойҳоятро шуста биё, агар мисли пойи очаамон шавад, дарро мекушоем, – гуфт Хиштаки Сари Танӯрак аз сари танӯр фуромада.

Гург рафта, ба пойҳояш ранги сиёҳ молида, мӯйи пояшро чингила карда омада гуфт.

– Таҳшинаки даркушоякам, ана пойҳоямро шуста омадам, дарро кушо!

Таҳшинак нигоҳ кард, ки ба пойи очааш монанд аст, дарро кушод. Гург ҳуҷум карда, даромада, Таҳшинакро хӯрд, Алӯлакро хӯрд, Булӯлакро хӯрд. Дид,



ки Хиштаки Сари Танӯрак дар пушти танӯр пинҳон шудааст. Тоқчапарак ба тоқчаю Мехчапарак ба сари мех ҷаста баромадааст. Болошинак дар тобадон пинҳон шудааст. Гург ҳамаи инҳоро дошта хӯрду димоғаш чоқ шуда, ханда кардаву суруд хонда, баромада рафт.

Як вақт Бузак омада дид, ки дари хонааш кушодаву на Алӯлак ҳасту на Булӯлак, на Хиштаки Сари Танӯрак, на Таҳшинаку на Болошинак, на Мехчапарак ҳасту на Тоқчапарак. Ба пушти танӯр нигоҳ кард, ки Хиштаки Сари Танӯрак ҳам нест.

– Оҳ, бачаҳои нодонакам, – гуфт Бузак ва алафашро аз шохаш гирифта монду оби овардаашро ба кӯзача андохта, ширашро ба хурмача дӯшида, баромада рафт. Рафт ба хонаи Саг. Болои боми Саг баромада, бо пойҳояш дук-дук задан гирифт.

Дар хонаи Саг ошнояш меҳмон буд. Саг барои меҳмон хӯрок мепухт. Ногоҳ болои бом дук-дук шуду аз шифт хок рехт. Саг ҳайрон шуда пурсид:

**Кист дар бомаки ларзонаки мо,**
**Хок мерезад дар ошаки явғонаки мо?!**
**Ошаки явғонаки мо шӯр шуд,**
**Меҳмонаки азизи мо кӯр шуд!**



Бузак боми Сагро сахттар кӯфт:

**Манам Бузаки Ҷингилапо,**
**Мезанам ба ҳар ду по!**
**Алӯлакам ту хӯрдӣ!**
**Булӯлакам ту хӯрдӣ!**
**Хиштаки Сари Танӯракам ту хӯрдӣ!**
**Таҳшинакам ту хӯрдӣ!**
**Тоқчапаракам ту хӯрдӣ!**
**Мехчапаракам ту хӯрдӣ!**
**Баро ба ҷанги шохи ман!**

Саг аз дарун сарашро бароварда гуфт:

**Эй Бузаки Ҷингилапо,**
**Чӣ мезанӣ ба ҳар ду по?!**
**Алӯлакат нахӯрдаам.**
**Булӯлакат нахӯрдаам,**
**Хиштаки Сари Танӯракат нахӯрдаам,**
**Таҳшинакат нахӯрдаам,**
**Тоқчапараку Мехчапаракат нахӯрдаам,**
**Намебароям ба ҷанги шохи ту!**

Инро гуфту илова кард:

– Ту ба хонаи Шағол бирав. Эҳтимол Шағол бачаҳоятро хӯрда бошад.

Бузак ба хонаи Шағол рафт. Ба болои боми Шағол баромада, бо пойҳояш дук-дук задан гирифт. Дар хонаи Шағол ҳам меҳмон будааст. Ба сари меҳмону рӯйи дастархони Шағол хок борид. Шағол хашмгин шуда, фарёд кард:

**Кист дар бомаки ларзонаки мо,**
**Хок мерезад дар ошаки явғонаки мо?**
**Ошаки явғонаки мо шӯр шуд,**
**Меҳмонаки азизи мо кӯр шуд!**



Бузак боми Шағолро сахттар зада гуфт:

**Манам Бузаки Ҷингилапо,**
**Мезанам ба ҳар ду по!**
**Алӯлакам ту хӯрдӣ!**
**Булӯлакам ту хӯрдӣ!**
**Хиштаки Сари Танӯракам ту хӯрдӣ!**
**Таҳшинакам ту хӯрдӣ!**
**Тоқчапараку Мехчапаракам ту хӯрдӣ!**
**Баро ба ҷанги шохи ман!**

Шағол аз хонааш берун баромаду гуфт:

**Эй Бузаки Ҷингилапо,**
**Чӣ мезанӣ ба ҳар ду по?!**
**Алӯлакат нахӯрдаам,**
**Булӯлакат нахӯрдаам,**
**Хиштаки Сари Танӯракат нахӯрдаам,**
**Тахшинакат нахӯрдаам,**
**Тоқчапараку Мехчапаракат нахӯрдаам,**
**Намебароям ба ҷанги шохи ту**!

Бачаҳои туро ғайр аз Гург кӣ мехӯрад?! Ба хонаи Гург бирав. Ҷангиданӣ бошӣ, бо Гург биҷанг!

Бузак рафта ба боми Гург баромада, бо пойҳояш бомро сахт кӯфтан гирифт.



Дар хонаи Гург ҳам меҳмон буд. Хок ба сару рӯйи меҳмон рехт. Гург дар ғазаб шуда, фарёд кашид.

**Кист дар бомаки ларзонаки мо,**
**Хок мерезад дар ошаки явғонаки мо?**
**Ошаки явғонаки мо шӯр шуд,**
**Меҳмонаки азизи мо кӯр шуд!**

Бузак дар ғазаб шуда гуфт:

**Манам Бузаки Ҷингилапо,**
**Мезанам ба ҳар ду по!**
**Кӣ хӯрдааст Алӯли ман?**
**Кӣ хӯрдааст Булӯли ман?**
**Кӣ хӯрдааст Хиштаки Сари Танӯри ман?**
**Кӣ хӯрдааст Болошинакам?**
**Кӣ хӯрдааст Таҳшинакам?**
**Кӣ хӯрдааст Тоқчапаракам?**
**Кӣ хӯрдааст Мехчапаракам?**
**Кӣ мебарояд ба ҷанги шохи ман?**

Гург аз хонааш баромада, ба Бузак хашмгинона гуфт:

**Эй Бузаки Ҷингилапо,**
**Чӣ мезанӣ ба ҳар ду по?**
**Ман хӯрдам Алӯли ту!**
**Ман хӯрдам Булӯли ту!**

**Ман хӯрдам Хиштаки Сари Танӯри ту!**
**Болошинакатро ман хӯрдаам,**
**Тоқчапаракатро ман хӯрдаам,**
**Мехчапаракатро ман хӯрдаам.**
**Мебароям ба ҷанги шохи ту!**

Бузак ҷойи ҷангашро гуфта, ба хонааш омаду хамир карда, нону кулчаҳои ширмол пухта, ба пеши устои оҳангар рафт. Усто нону кулчаҳои бомазаро гирифта, шохҳои Бузакро оҳанпӯш карда, нӯги онҳоро чунон тез кард, ки сангро занад, сӯрох мекард.

Гург дид, ки Бузак ба пеши оҳангар рафт, вай ҳам аз паси Бузак равон шуд. Дар назди ҳавлии оҳангар



як гӯсола буд. Гург онро чок карду дилу ҷигарашро хӯрду ду пояшро дастовез карда, пеши оҳангар даромада гуфт:

– Эй оҳангар! Зуд дандонҳоямро тез кун, ба ҷанги Бузак меравам. Оҳангар пойҳои гӯсоларо дида фаҳмид, ки Гурги баднафс гӯсолаи ӯро хӯрдааст. Боз шарм накарда, пойҳояшро дастовез карда овардааст.

«Исто, ман ҳоло туро боб мекунам!» ба худ гуфт усто ва дандонҳои пеши гургро якта-якта канда партофту ба ҷояш пунбадона шинонд. Дандони ақибашро сӯян зада, кунд кард. Гург хурсанд шуда ба ҷойи ҷанг рафт. Бузак пойида истода буд. Гург давида омаду ба Бузак ҳамла кард.

Дандонҳои пеши Гург якта намонда рехт.



– Акнун навбати ман! – гуфт Бузак ва ақибнокӣ рафту якбора пеш омада, бо шохҳои чун алмос тезаш чунон ба шиками Гург зад, ки шикамаш дариду чаппа шуда афтода мурд. Алӯлаку Булӯлак, Хиштаки Сари Танӯрак, Тоқчапараку Мехчапарак, Болошинаку Таҳшинак – ҳама бачаҳои Бузаки Ҷингилапо аз шиками Гург баромада, модарашонро дида, хурсанд шуданд.

Бузак бачаҳояшро зиндаву саломат дарёфта, шод шуд ва онҳоро ба хонааш оварда, ба муроду мақсадаш расид ва хушу хурсандона зиндагӣ кард.



# БУЗАКИ ҶИНГИЛАПО

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Меликова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Салоҳиддинзода |
| Рассом | Ҳ. Чилаев |
| Тарроҳ | Б. Назарзода |

*Нашриёт барои кумаки молиявӣ ҷиҳати нашри китоби мазкур ба Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) изҳори миннатдорӣ менамояд. Китоби мазкур ройгон ба муассисаҳои таълимӣ тавассути Лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ бихонем» дастрас карда мешавад.*

Ба чоп 08.08.2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопӣ 1.
Адади нашр 10000 нусха. Супориши 86/2019.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «ТоРус» ба табъ расидааст.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Садриддин Айнӣ 126.
E-mail: ooo_torus@mail.ru